**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович **«Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон»** унвон дошта, ба таҳқиқи аҳволу осор ва нақшу ҷойгоҳи Ҳасан Ирфон дар инкишофи насри тоҷикӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик бахшида шудааст. Тарҷумаи бадеӣ дар солҳои сиюм ва баъд аз он ба василаи хидматҳои аввалин мутарҷимон, ки Ҳасан Ирфон низ дар ин саф буд, ба инкишофи адабиёти миллӣ, бахусус, насри тоҷикӣ ва ташаккули шахсиятҳои миллӣ мусоидат намуда, дар шаклгирӣ ва таҳаввули насри нави тоҷикӣ нақши созанда гузошт.

Ба ин тартиб, дар ҷараёни инкишофи тарҷумаи тоҷикӣ дар қатори устод Айнӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҳошим, Ҳаким Карим, Ҳабиб Аҳрорӣ ва дигарон Ҳасан Ирфон низ саҳми шоиста гузоштааст, ки аввалин намунаи он сегонаи Максим Горкий «Бачагӣ», «Дар байни мардум» «Дарбадарӣ» ва «Университетҳои ман» мебошад.

Аз солҳои сиюм сар карда, то охири умр Ҳасан Ирфон осори бадеии адабиёти ҷаҳонро ба тоҷикӣ тарҷума карда, дар шаклгирии равишҳо ва усулҳои тарҷумаи тоҷикӣ ва назарияи он ҳиссаи сазовор гузоштааст, вале, то имрӯз фаъолияти нависандагӣ ва тарҷумонии ӯ, ба тавре ки лозим аст, таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик зиндагинома, фаъолият ва мероси адабӣ, хусусиятҳои осор ва хидматҳои Ҳасан Ирфон дар ташаккули мактаби тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти муосири тоҷик таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, нақш ва

ҷойгоҳи ӯ дар раванди инкишофи насри бадеӣ ва тарҷумаи касбӣ ба тариқи бунёдӣ таъйид гардидааст.

Илова бар ин, дар диссертатсия баробари муайян намудан ва баррасӣ кардани тарҷумаҳои Ҳасан Ирфон, насри бадеии тарҷумаҳолии ӯ, ба вижа романи «Дар кулбаи косибон», ки ифодагари дидгоҳ ва усули хосси бархӯрди ҳунарии нависанда ба фарогирӣ ва тасвири ҳақиқати воқеӣ ва таносубу ҳамсозии он ба ҳақиқати таърихӣ буда, нақш ва ҷойгоҳи ҳунарии ӯро дар таърихи адабиёти навини тоҷик муайян месозад, дар адабиётшиносии тоҷик баҳогузорӣ нашудааст, аз бозёфтҳои муҳимми диссертатсия ба шумор меравад.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои илмию пажӯҳишии диссертантро метавон ҳангоми навиштани таърихи адабиёти муосири тоҷик, алалхусус адабиёти солҳои 30-60 уми садаи ХХ, китобҳои дарсӣ, нақши тарҷума дар адабиёт, курсу семинарҳои махсус доир ба ташаккулу таҳаввули тарҷума ва наср дар адабиёти тоҷикӣ истифода намуд. Ҳамчунин, дастовардҳои диссертатсия ҳангоми омӯзиши бунёдии насри солҳои 30-60-уми садаи ХХ, таҳқиқи вижагиҳои тарҷума дар низоми робитаҳои адабӣ барои донишҷӯёну аспирантон, омӯзгорони ҷавон аз манфиат холӣ нест.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмии анҷомёфта буда, дорои мазмун ва сохтори ягонаи илмию таҳқиқотист. Хулоса ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои диссертант дар 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо

мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Муҳокимаю баррасӣ ва хулосабарориҳои довталаб дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии **Боронов Умедҷон Хуҷамуродович** дар мавзуи **«Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон»** кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи **Боронов Умедҷон Хуҷамуродович** дар мавзуи **«Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Сироҷиддини Эмомалӣ – доктори илми филология, декани факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
- **Одинаев Нурмаҳмад Сафарович – номзади илми филология, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Ба сифати муассисаи пешбар Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ пешниҳод мешавад.

3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Худойдодов А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Муллоев А.

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Шозиёева Г.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС — ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

«29» марти соли 2023